Бо қарори Шӯрои олимони
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ
аз 26.01.2015 тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ
# РАЁСАТИ ТАЪЛИМИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

## 1. Муқаррароти умумӣ

Раёсати таълим дар сохтори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (минбаъд Донишгоҳ) бо мақсади ба танзим даровардани раванди таълим таъсис ёфта, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаҳои таълимии маълумоти олии касбӣ (мактабҳои олӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон», бандҳои 30,35-и боби 3, бандҳои 37-70-и боби 4, бандҳои 71-82-и боби 5-и Оинннома ва Низомномаи Донишгоҳ, Низомноми низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият мекунад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Раёсати таълим аз инҳо иборат мебошад:

- раванди таълимро дар Донишгоҳ ба нақша мегирад, иҷрои онро ташкил ва таъмин менамояд;
- дар бобати қонеъ гардонидани талаботи шахсият дар рушди зеҳнӣ, фарҳангию ахлоқӣ бо роҳи додани маълумоти олии касбӣ дар заминаи ягонагии муттасили раванди таълим ва корҳои илмию тадқиқотӣ саҳм мегирад;
- таҳияи китобҳои дарсӣ ва рисолаҳои таълимию методиро назорат мекунад ва таъминоти онҳоро арзёбӣ карда, доир ба ин масаъла ба Шӯрои олимон гузориш пешниҳод мекунад;
- вобаста ба ҳалли мушкилоти тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи омӯзгорӣ ба Раёсати Донишгоҳ таклифҳо пешниҳод менамояд;
- нақшаҳои таълимиро таҳия карда, барои тасдиқ ба Шӯрои олимон пешниҳод мекунад;
- доир ба роҳҳои такмил додани донишҳои назариявию амалии донишҷӯён тадбирҳо меандешад;
- дар самти ҷорӣ намудани технологияи муосири таълим, методу тарзҳои самарабахш ва фаъол чораҷӯйӣ мекунад;

- пиромуни сатҳи тахассусӣ, малака ва маҳорати касбии омӯзгорон тадбирҳо андешида, рафти иҷрои нақшаи такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисонро назорат мекунад;
- фаъолияти сохтору зерсохторҳои марбут ба қисми таълимро зери назорат мегирад;
- раванди таълимро, ки ҳадафи он ба донишҷӯён додани дараҷаи муайяни таҳсилот ва тахассус мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилот татбиқ намудани мазмун ва мундариҷаи таълим маҳсуб меёбад, зери назорат мегирад;
- соатҳои иловагиро дар ҷараёни таълим муайян намуда, якҷо бо декану мудирони кафедраҳо барои ба танзим даровардани онҳо чораҳо меандешад;
- кори устодони соатбайъ ва мутобиқати онро бо нақшаҳои таълимӣ назорат мекунад;
- фаъолияти устодони ҳамкорро назорат намуда, доир ба дурустии нақшаҳои инфиродии онҳо санҷишҳо ташкил мекунад;
- соатҳои холимондаи кафедраҳоро муайян карда, барои қабули устодон лоиҳаи озмун ба Ректори Донишгоҳ пешниҳод менамояд;
- фонди аудиторӣи Донишгоҳро ташкил карда, барои самаранок истифода кардани синфхонаҳо, кабинетҳо ва лабораторияҳо ба Ректори Донишгоҳ пешниҳод манзур менамояд;
- иҷрои сарбории устодонро назорат мекунад ва нисбат ба омӯзгороне, ки дар иҷрои сарборӣ монеа ба вуҷуд меоранд, тадбирҳо меандешад;
- иҷрои нақшаҳои таълимии инфиродии устодонро назорат намуда, доир ба ин масъала ба унвони Раёсат хулосаҳо пешниҳод мекунад;
- фаъол будани компютерҳоро дар ҷараёни дарсҳо назорат карда, доир ба истифодаи технологияи муосир дар раванди таълим хулосаву пешниҳодҳо манзур менамояд;
- татбиқи низоми кредитии таҳсилотро дар факултету кафедраҳо назорат намуда, дар таҳияи нақшаву барномаҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳо иштирок мекунад;
- доир ба ҷамъбасти имтиҳони ҷорӣ ва хатм дар назди Раёсат ва Шӯрои олимон гузориш дода, оид ба натиҷаи онҳо ба унвони Ректори Донишгоҳ маълумотномаи мукаммал ирсол менамояд;
- ҷадвали умумидонишгоҳии имтиҳоноти ҷорӣ ва давлатиро таҳия ва тасдиқ менамояд, якҷо бо муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ ҷараёни имтиҳоноти ҷорӣ ва хатмро барои факултетҳо тасдиқ мекунад ва рафти ҷараёни онҳоро назорат мебарад;
- барои устуворӣ ва таҳкими заминаи моддӣ-техникии кабинетҳо ва озмоишгоҳҳо ба Раёсати Донишгоҳ пешниҳод манзур месозад ва фаъолияти онҳоро зери назорат қарор медиҳад;
- ҷадвали санҷишҳо (рейтингҳо), имтиҳонот ва ҷадвали дарсҳои кафедраҳои умумидонишгоҳиро таҷдиди назар ва тасдиқ мекунад, рафти иҷрои онҳоро якҷоя бо кормандони Раёсат зери назорат мегирад;

- низоми холдиҳи рейтингиро тибқи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳ ба роҳ мемонад;
- корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро мутобиқи бандҳои 63-71-и Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳ якҷо бо садорати факултетҳо ташкил ва назорат менамояд;
- тартиби иҷро ва ҳмояо корҳои курсиро дар кафедраҳо назорат менамояд;
- тартиби таҳия ва дифои корҳои хатми бакалаврӣ (кори дипломӣ) ва рисолаҳои магистриро тибқи тавсияҳои методии соҳа назорат менамояд;
- рафти таҳия ва иҷрои реферат ва эссе дар кафедраҳо мавриди санҷиш ва назорат қарор медиҳад;
- раванди сессияи имтиҳонӣ (зимистон ва тобистона)-ро тариқи мониторӣ-электронӣ ташкил ва назорат менамояд;
- аппелятсияи донишҷӯёнро ташкил мекунад ва тартиби иҷрои онро назорат менамояд;
- якҷоя бо зерсохторҳои худ триместрро ташкил ва рафти баргузории онро назорат мекунад;
- оид ба тартиби бартараф намудани фарқияти академӣ якҷоя бо Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ва садорати факултетҳо тадбирҳо меандешад;
- ҷараёни баргузории таҷрибаҳои омӯзгорӣ, истеҳсолӣ ва таълимиро тибқи талаботи стандартҳои давлатии ихтисос ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳо якҷоя бо бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон ташкил ва назорат мекунад;
- фаъолияти комиссияи хориҷ, барқароркунӣ ва интиқоли донишҷуёнро ба роҳ мемонад ва натиҷагирӣ мекунад;
- оид ба тартиби ташкил ва гузаронидани сабақгардонии донишҷуёни дарсшикан ва сустхон назорат мебарад;
- пардохти маблағи таҳсили шартномавӣ, дарсҳои иловагии триместрӣ, сабақгардонӣ, шуъбаи тайёрӣ ва репетиториро назорат мекунад;
- дар бораи ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифтани омӯзгорон якҷоя бо Маркази бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони Донишгоҳ тадбирҳо меандешад;
- фонди аудитории Донишгоҳро таҳия намуда, тақсимоти онро миёни факултетҳо ва кафедраҳо ба роҳ мемонад, таъминоти онҳоро бо маводи таълимию техникӣ зери назорат қарор медиҳад;
- таҳияи барномаҳои асосии таҳсилот, стандартҳои давлатии ихтисосҳо, талаботи давлатӣ нисбат ба ихтисосҳо, салоҳиятнокии касбии хатмкунандагони ихтисоҳо, барномаҳои таълимии фан, силлабусҳо, курси лексияҳо ва коркардҳои таълимию методии дарсҳои амалӣ ва лабораториро вобаста ба татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар соҳторҳои таълим, факултетҳо ва кафедраҳо назорат менамояд ва нусхаҳои онҳоро нигаҳдорӣ менамояд;
- дар Донишгоҳ мутобиқати нақшаҳо ва барномаҳои таълимиро зери санҷиш қарор медиҳад;

- дар заминаи принсипҳои илмият, инсонгароӣ, демократӣ, муттасилии ҷараён гирифтани раванди таълимро назорат месозад;
- бо назардошти фарогирии имкониятҳои муосири технологияи иттилоотӣ ҷараён гирифтани таълимро дар факултетҳо ва кафедраҳо санҷида, ба Ректори Донишгоҳ гузориш манзур мекунад;
- тайёрии омӯзиш ва иҷрои нақшаю барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро дар Донишгоҳ барои дараҷаҳои тахассусии бакалавриат - 4 сол, бакалавриат - барои ихтисосҳои ҳамгиро - 5 сол, мутахассис - 5 сол, магистратура - 2 сол назорат менамояд.

## 3. Сохтори Раёсати таълим

Ба Раёсати таълим сардори Раёсати таълим роҳбарӣ мекунад. Ҳайати Раёсати таълим чунин аст:

- ҷонишини сардори Раёсати таълим оид ба татбиқи нақшаҳои таълимӣ;
- ҷонишини сардори Раёсати таълим оид сарбориҳои таълимии омӯзгорон;
- сармутахассис оид ба назорат аз болои нақшаҳои таълимӣ ва мувофиқати онҳо бо сарбории омӯзгорон ва ҷадвали дарсҳо;
- сармутахассис доир ба назорати иҷрои сарбории омӯзгорони ҳамкор;
- сармутахассис оид ба масъалаҳои омор;
- сармутахассис оид ба назорати раванди таълим дар шуъбаи ғоибона;
- методистони шуъбаи ғоибонаи факултетҳо (13 нафар);
- мутахассиси пешбар (2 нафар);
- мудири бахши магистратура;
- сармутахассиси бахши магистратура.

## 4. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои Раёсати таълим

- Раёсати таълим ҳуқуқ дорад, ки барои муваффақиятҳо дар ташкил ва гузаронидани ҷараёни таълим роҷеъ ба мукофотонидан ва ҳавасманд гардонидани декани факултетҳо, ҷонишинони онҳо, мудирони кафедраҳо, ҳайати профессорону омӯзгорон ва дигар кормандони сохторҳои таълим ба унвони Раёсати Донишгоҳ таклифҳо пешниҳод намояд;
- дар бобати ба ҷавобгарии маъмурию интизомӣ кашидани кормандон ва омӯзгорони ҳамаи дараҷаҳо, ки ташкил ва гузаронидани раванди таълимро халалдор кардаанд, барои чораҷӯйӣ ба Раёсати Донишгоҳ пешниҳодҳо ирсол менамояд;
- дар муҳокимаи масъалаҳои Шӯрои олимон, Шӯрои илмӣ-методӣ ва Раёсати Донишгоҳ ширкат меварзад;

- дар масъалаи пешниҳоди номзадҳо барои ишғоли вазифаҳои холӣ (дар соҳаи таълим) тадбирҳо меандешад.
- мунтазам ҳолати рӯзномаҳои қайди давомоти гурӯҳҳои академиро мавриди санҷиш қарор медиҳад;
- доир ба вазъи замимаҳои санҷишию имтиҳонӣ ва ҳолати дафтарчаҳои имтиҳонӣ таҳлилҳо мегузаронад;
- нақшаҳои таълимӣ, нақшаҳои корӣ, барномаҳои кории омӯзгорони кафедраҳо, нақшаи кории садорати факултетҳо ва мудирони кафедраҳоро дида баромада, барои тасдиқ ба Ректори Донишгоҳ манзур мекунад;
- ҳисоботи семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа ва солонаи садорати факултетҳоро талаб намуда, дар таҳияи ҳисоботи умумии Донишгоҳ моҳияти онҳоро ба инобат мегирад;
- сари вақт аз садорати факултетҳо ва сохторҳо ҳисоботи оморӣ талаб менамояд;
- рафти иҷрои нақшаҳои таълимӣ ва нақшаҳои инфиродии омӯзгоронро мунтазам месанҷад;
- оид ба масъалаи сарбории омӯзгорон фармони Ректори Донишгоҳро омода менамояд;
- вобаста ба натиҷаи сессияҳои зимистона ва тобистона пешниҳоди садорати факултетҳоро ба гирифтани стипендия оид ба донишҷӯёне, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил мекунанд (60%), санҷиш мегузаронад.
- донишҷӯёни зинаи бакалавриат ва магистратураро, ки бо баҳои аъло таҳсил мекунанд, барои гирифтани стипендияҳои номӣ пешниҳод менамояд.

## 5. Тақсимоти вазифавӣ дар байни кормандони Раёсати таълим

5.1. **Сардори Раёсати таълим** бевосита таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ фаъолият намуда, ба Раёсати таълим роҳбарӣ менамояд ва тамоми раванди таълимро баҳри тайёр намудани мутахассисони сифатан ба талаботи замон мувофиқ равона месозад.

5.2. Сардори Раёсати таълим роҳбарии умумӣ ва назоратро аз болои кормандони Раёсати таълим амалӣ гардонида, дар байни онҳо вазифаҳоро тақсим менамояд ва иҷро шудани ин вазифаҳоро назорат карда, интизоми қатъии меҳнатиро таъмин менамояд.

5.3.Кори шӯъбаи таълимро барои соли таҳсил ва нимсола ба нақша даровarда, ҷиҳати иҷрои он назорат мебарад.

5.4.Рафти иҷрои нақшаҳои таълимии ҷорӣ, ҷадвалҳои ҷараёни таълим, нақшаҳои инфиродӣ ва барномаҳои кории омӯзгорони кафедраҳоро таҳти назорат қарор медиҳад.

5.5.Аз болои иҷрои фармону супоришоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои олимон ва Раёсати Донишгоҳ, Шӯрои илмӣ-методӣ инчунин дигар

ҳуҷҷатҳо оид ба масоили корҳои таълимӣ ва таълимию методӣ назорат мебарад.

5.6.Банақшагирии ҷараёни таълим ва тайёрӣ ба соли нави таҳсил (тартиб додани нақшаҳои инфиродӣ, барномаҳои корӣ, нақшаҳои корӣ ва асноди дигар)-ро аз ҷониби факултаҳою кафедраҳоро пиёда месозад.

5.7.Ҳисобу китоби тақсимоти сарбории ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳо ва иҷрои амалии онҳоро тахти назорат мегирад.

5.8. Дар якҷоягӣ бо шӯъбаи кадрҳо оид ба тақсимоти рӯйхати мансабии ҳайати профессорону омӯзгорон ва ҳайати таълимию ёрирасон дар байни кафедраҳои Донишгоҳ таклифу пешниҳодот тайёр мекунад.

5.9.Тақсими фонди соатбайъ ва фаъолияти омӯзгорони ҳамкорро назорат мебарад.

5.10.Дар тартиб додани ҷадвали дарсҳо, имтиҳонот, лоиҳаҳо, фармоишҳо, дастурҳо, тавсияҳо дар робита бо маслиҳатҳои маъмурияти Донишгоҳ доир ба иҷрои корҳои таълимӣ ва таълимию методӣ масъул мебошад.

5.11.Ҷараёни баргузории санҷишҳо ва рейтингҳоро зери назорат мегирад.

5.12.Оид ба баргузории имтиҳоноти нимсола, давлатӣ, ҳимояи корҳои хатми бакалаврӣ (кори дипломӣ), рисолаҳои магистрӣ санҷиш мегузаронад.

5.13.Пиромуни истифодаи оқилонаи синфхонаҳо, лабораторияҳо, кабинетҳо ва биноҳои дигари таълимӣ чораҷӯйӣ мекунад.

5.14.Аз рӯйи дастурҳои Ректор ва муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ доир ба масоили ҷараёни таълим барои муҳокима дар Шӯрои олимони Донишгоҳ ва Раёсат маводи зарурӣ тайёр менамояд.

5.15. Дар бораи тайёр кардани ҳисоботи солонаи фаъолияти Донишгоҳ тадбирҳо меандешад.

5.16. Рафти тайёр кардану тартиб додани ҳисоботи оморӣ доир ба масоили ҷараёни таълимро назорат мекунад.

5.17.Дар ҳамкорӣ бо Бахши идоракунии сифати таҳсилот оид ба беҳтар гардидани вазъи таълиму тарбия чораҷӯйӣ менамояд.

5.18.Фаъолияти коргузорони факултетҳо ва ҷонишинони декан оид ба таълим, методистони шуъбаи ғоибонаро ба зери назорат мегирад.

5.19.Зуҳуроти қарздории академӣ ва роҳҳои бартараф намудани онро дар мувофиқа бо Раёсати Донишгоҳ пиёда месозад.

5.20.Вазъи замимаҳои имтиҳонӣ, рафти иҷрои нақшаҳои таълимӣ, сифати рӯзномаҳои қайди давомоти гурӯҳҳои академӣ ва иҷрои сарбории таълимии омӯзгоронро охири ҳар нимсола мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

5.21.Таҷрибаи пешқадами устодонро мавриди истифодаи омӯзгорони ҷавон ва камтаҷриба қарор медиҳад.

5.22.Ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳо маълумотнома ва ахбори дахлдор оид ба иҷрои қарору нишондодҳо роҷеъ ба масоили таълим ирсол менамояд.

5.23. Ба мактубҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм ва дигар сохторҳо роҷеъ ба масоили корҳои таълимӣ ҷавоб таҳия мекунад.

5.24.**Ҷонишинони сардори Раёсати таълим**

Ҷонишинони сардори Раёсати таълим ба сардори Раёсати таълим итоат карда, масъули иҷрои корҳои зерин мебошанд:

- аз болои сифати тартиб додани ҷадвали дарсҳо ва устувории онҳо дар факултетҳо назорат мебаранд;
- иҷрои нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳоро дар факултету кафедраҳо месанҷанд;
- ҷиҳати тартиб додани дархостҳо барои даъват намудани олимон аз муассисаҳои таҳсилоти олии марказӣ, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар марказҳои илмию тадқиқотӣ бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои таълимӣ чораҳо меандешанд;
- вазъи рӯзномаҳои қайди давомоти гурӯҳҳои академиро тафтиш мекунанд;
- аз болои машғулиятҳои лексионӣ муттасил (пайваста) назорат мебаранд;
- аз болои гузаронидани семинару курсҳои махсус ва машғулиятҳои факултативӣ назорат мекунанд;
- вазъи бо стипендия таъмин намудани донишҷӯёнро месанҷанд;
- номзадии донишҷӯёни беҳтаринро ба гирифтани стипендияҳои номӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурӣ пешниҳод менамоянд;
- барои ҳисоботии нимсола ва солона мавод ҷамъоварӣ менамоянд:
- оид ба риояи ҷадвалҳои санҷишу имтиҳонӣ назорат мебаранд;
- оид ба тақсимоти сарбориҳои таълимии омӯзгорони кафедраҳо назорат мебаранд;
- доир ба фонди умумии соатҳои таълимӣ, соат-кредитҳои тақсимшуда ва соатҳои вакантӣ ба унвони Ректори Донишгоҳ маълумотнома ирсол менамоянд.

5.26. **Талаботи касбӣ нисбат ба вазифаҳои сардори Раёсати таълим, ҷонишинони ӯ:**

- собиқаи кории омӯзгории онҳо дар Донишгоҳ на камтар аз 5 сол бошад;
- дар вазифаҳои масъули таълим дар сохторҳои Донишгоҳ фаъолият карда бошанд;
- Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаҳои марбут ба соҳаҳои таълимро хуб донанд;
- ҷараёни таълимро дар Донишгоҳ ташкил ва назорат карда тавонанд;
- моҳияти стандартҳо ва талаботи давлатӣ, салоҳиятнокии касбӣ, нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимиро хуб донанд ва ба омӯзгорону кормандон шарҳу тафсил дода тавонанд;
- санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маорифро хуб донанд;
- нақшаҳои корӣ ва барномаҳои кории намунавӣ тартиб дода тавонанд;

- оид ба масаълаву мушкилоти таълим нақшаи чорабиниҳо тартиб дода тавонанд;
- ба омӯзгорон, хусусан ба мутахассисони ҷавон кӯмаки методӣ расонда тавонанд;
- дарси омӯзгоронро аз нигоҳи талаботи технологияи муосири педагогию психологӣ ва методӣ таҳлил карда тавонанд;
- оид ба фаъолияти Донишгоҳ дар ҷодаи таълим ҳисоботи семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа, ва солона сохта тавонанд;
- бо компютер ва барномаҳои асосии он кор карда тавонанд;
- оид ба татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф нақшаи чорабиниҳо таҳия карда тавонанд;
- доир ба ҳисоби соатҳо ва тақсими сарбории омӯзгорони тасвибӣ ва ҳамкор таҳлил гузаронида тавонанд;
- роҷеъ ба натиҷаи сессияҳои зимистона ва тобистона ҳисобот сохта тавонанд.

**5.27. Талаботи касбӣ нисбат ба вазифаҳои сармутахассис ва мутахассиси пешбар:**

- вазифаҳои хадамотии сардори Раёсати таълим ва ҷонишинони ӯро иҷро карда тавонанд;
- ҳисоби соатҳои кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ва тахассусиро ба танзим медароранд;
- маълумотномаҳои кафедраҳоро доир ба бастҳои корӣ, соатҳои тақсимшуда ва вакансиямонда месанҷанд;
- мутобиқати сарбории таълимии омӯзгорони тасвибиро бо нақшаҳои таълимӣ месанҷанд;
- оид ба тасдиқи сарбории таълимии омӯзгорони тасвибӣ лоиҳаи фармоиши Ректорро таҳия месозанд;
- доир ба рафти иҷрои нақшаҳои таълимӣ дар факултетҳо ва кафедраҳо санҷиш мегузаронанд;
- супоришҳои Ректори Донишгоҳ ва муовини ректор оид ба корҳои таълимиро иҷро мекунанд;
- оид ба иҷрои соатҳои омӯзгорони кафедраҳо ҳисобот омода месозанд;
- маълумотҳои зарурииро роҷеъ ба сарбории омӯзгорон ва рафти иҷрои сарбориҳо ба базаи компютери Раёсати таълим ворид месозанд;
- иҷрои нақшаҳои инфиродии омӯзгорони кафедраҳоро назорат мекунанд;
- риояи реҷаи кории қисми таълимии факултетҳо, мудирони кафедраҳо ва омӯзгорони фанниро месанҷанд;
- оид ба корҳои басомонрасида ба сардори Раёсати таълим ҳар моҳ ҳисобот медиҳанд;
- ҷадвали дарсии омӯзгорони тасвибиро назорат мекунанд;
- доир ба масълаи давомоти донишҷӯёни факултетҳои Донишгоҳ ҳисобот омода месозанд.

**5.28. Вазифаҳои сармутахассис доир ба назорати иҷрои сарбории омӯзгорони ҳамкор:**

- вазифаҳои хадамотии сардори Раёсати таълим ва ҷонишинони ӯро иҷро мекунад;
- ҳисоби соатҳои омӯзгорони ҳамкори дохилӣ ва берунии кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ва тахассусиро ба танзим медарорад;
- маълумотномаҳои кафедраҳоро доир ба бастҳои корӣ, соатҳои тақсимшуда ва вакансиямонда месанҷад;
- мутобиқати сарбории таълимии омӯзгорони ҳамкорро бо нақшаҳои таълимӣ месанҷад;
- оид ба тасдиқи сарбории таълимии омӯзгорони ҳамкор лоиҳаи фармоиши Ректорро таҳия месозад;
- доир ба рафти иҷрои нақшаҳои таълимӣ дар факултетҳо ва кафедраҳо санҷиш мегузаронад;
- супоришҳои Ректори Донишгоҳ ва муовини ректор оид ба корҳои таълимиро иҷро мекунад;
- оид ба иҷрои соатҳои омӯзгорони ҳамкори кафедраҳо ҳисобот омода месозад;
- маълумотҳои зарурирo роҷеъ ба сарбории омӯзгорон ҳамкор ва рафти иҷрои сарбориҳо ба базаи компютери Раёсати таълим ворид месозад;
- иҷрои нақшаҳои инфиродии омӯзгорони ҳамкори кафедраҳоро назорат мекунад;
- риояи реҷаи кории омӯзгорони ҳамкорро месанҷад;
- оид ба корҳои басомонрасида ба сардори Раёсати таълим ҳар моҳ ҳисобот медиҳад;
- ҷадвали дарсии омӯзгорони ҳамкорро назорат мекунад;
- доир ба масълаи давомоти донишҷӯёни факултетҳои Донишгоҳ ҳисобот омода месозад.

**5.29. Вазифаҳои сармутахассис оид ба масъалаҳои омор:**

- вазифаҳои хадамотии сардори Раёсати таълим ва ҷонишинони ӯро иҷро мекунад;
- супоришҳои Ректори Донишгоҳ ва муовини ректор оид ба корҳои таълимиро саривақт иҷро мекунад;
- аз болои фаъолияти коргузорони шуъбаи рӯзона ва методистони шуъбаи ғоибона назорат мебарад;
- аз қисми таълимии факултетҳо дар ҳамкорӣ бо ҷонишинони декан оид ба таълим, илм ва тарбия, коргузорони шуъбаи рӯзона ва методистони шуъбаи ғоибона ҳисоботҳои омории моҳона, семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа ва солона таҳия намуда, пас аз мувофиқа бо Ректори Донишгоҳ ба Вазорати маориф ва илм , Кумитаи давлатии омори назди Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти болоӣ пешниҳод менамояд;
- оид ба ҳаракати донишҷӯёни шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона ҳар моҳ маълумотнома омода месозад;

- доир ба масъалаҳои хатм ва ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон дар робита бо Раёсати кадрҳо ва бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор мутахассисони ҷавон маълумотҳои зарурӣ ҷамъ оварда, дар базаи компютерҳои Раёсати таълим ҷойгир мекунад;
- оид ба фонди аудиторӣ ва тақсими синфхонаҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳо, таҷҳизоти аёниву техникии факултетҳо маълумотнома омода месозад;
- аз болои ҷадвали лексияҳои обзорӣ ва имтиҳоноти давлатӣ назорат мебарад;
- ҳайати кадрӣ ва илмӣ – омӯзгории кафедраҳо, факултетҳо ва Донишгоҳро муайян мекунад;
- доир ба масаълаи давомоти донишҷӯёни факултетҳои Донишгоҳ ҳисобот омода месозад.

**5.30. Вазифаҳои мутахассиси пешбар:**

- вазифаи хадамотии сардори Раёсати таълим ва ҷонишинони ӯро адо мекунад;
- ҳуҷҷатҳои Раёсати таълимро ба базаи иттилоотӣ ворид мекунад;
- тамоми асноди дохилӣ (факултетҳо, қарорҳо, нақшахо, маълумотномаҳо, пешниҳодҳо, гузоришҳо, стандартҳои давлатӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва ғайра)-ро дар компютери Раёсати таълим ба танзим медарорад;
- ҷорӣ намудани мукотибот, қабули онҳо аз шуъбаи коргузории идора ва қайд кардани онҳо дар китоби асноди мадохилу махориҷи Раёсати таълим аз рӯйи нишондоди муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ ё сардори Раёсати таълим, тақсим намудани онҳо барои иҷро ва ҷиҳати сари вақт натиҷагирӣ гардидани онҳо назорат мебарад;
- коргузории Раёсати таълим ва тайёр намудани номгӯи парванда бо супориши сардори Раёсати таълим аз деканатҳо, кафедраҳо, Раёсати Донишгоҳ ва сохтору зерсохторҳои дигари он маълумотҳои зарурӣ оид ба ҷараёни таълим ҷамъоварӣ менамояд;
- супориши сардори Раёсати таълимро ба сохторҳо, деканҳо, мудирони кафедраҳо ва дигар кормандони Донишгоҳ тариқи электронӣ ва хаттӣ мерасонад;
- телефонограммаҳоро қабул менамояд ва ба ашхоси дахлдор расонидани онҳоро амалӣ гардонида, дар мавриди набудани сардори Раёсати таълим гуфтугӯҳои телефониро навишта, ба ӯ мерасонад;
- ахбори гирифташударо барои аз назар гузаронидану имзо гузоштан ба сардори Раёсати таълим медиҳад ва супоришҳои муовини ректорро барои иҷро ба ашхоси дахлдор мерасонад.
- барои бо коғаз ва дигар маводи дафтардорӣ таъмин намудани кормандони Раёсати таълим ба унвони Ректори Донишгоҳ дархост ирсол менамояд;
- ҳуҷҷатҳои дахлдор: фармоишҳо, дастурҳо, қарорҳои Шӯрои олимони Донишгоҳ ва дигар асноди Раёсати Донишгоҳ ва Раёсати

таълимро нусхабардорӣ ва зиёд намуда, ба маълумоти деканатҳо, кафедраҳо ва дигар сохторҳои марбутаи Донишгоҳ мерасонад;

- табели кормандони Раёсати таълимро барои гирифтани музди кор (маош) тартиб медиҳад;
- супоришоти алоҳидаи муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ ва сардори Раёсати таълимро иҷро менамояд;
- дар тамоми маҷлисҳои аз ҷониби ноиби ректор оид ба корҳои таълимӣ ва сардори Раёсати таълим гузаронидашуда ширкат меварзад;
- дар доираи реҷаи корӣ супоришоти гуногуни сардори Раёсати таълимро иҷро менамояд;
- доир ба масъалаи давомоти донишҷӯёни факултетҳои Донишгоҳ ҳисобот омода месозад.

**5.31. Вазифаҳои мудири бахши магистратура:**

- мудири бахши магистратура ба муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ ва сардори Раёсати таълим итоат мекунад, масъули корҳои зерин аст:
- оид ба қабул намудани донишҷӯён ба магистратураи Донишгоҳ дар ҳайати комиссия иштирок мекунад;
- ҳуҷҷатҳои магистратураро ба тартиб медарорад;
- ба магистрҳо дар масъалаи интихоб намудани роҳбари илмӣ маслиҳат медиҳад;
- фармоишҳои қабули донишҷӯёнро ба магистратура якҷоя бо садорати факултетҳо таҳия месозад ва барои тасдиқ ба Ректори Донишгоҳ пешниҳод мекунад;
- ҷадвали дарсҳои магистрҳоро тартиб медиҳад ва барои тасдиқ ба Ректори Донишгоҳ пешниҳод мекунад;
- рӯзномаҳои (рӯзномаҳои қайди давомот) магистрҳоро мунтазам тафтиш менамояд;
- ҷадвали сессияи санҷишию имтиҳонии магистратураро якҷоя бо қисми таълими факултетҳо тартиб медиҳад ва барои тасдиқ ба Ректори Донишгоҳ пешниҳод менамояд;
- оид ба раисони Комиссияи аттестатсионии давлатӣ ва ҳайати он дар заминаи пешниҳоди кафедраҳо фармони Ректорро таҳия намуда, барои тасдиқ манзур мекунад;
- рафти иҷрои нақшаҳои инфиродии магистрҳоро дар самти сарбории таълимӣ ва илмӣ назорат мебарад;
- дар робита бо фаъолияти магистрҳои хориҷӣ ба унвони ташкилотҳои дахлдор бо ризоияти Ректори Донишгоҳ якҷоя бо шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ мактуб ирсол менамояд;
- давомоти магистрҳоро мунтазам месанҷад;
- сарбориҳои омӯзгорони магистратураро дар мувофиқа бо мудирони кафедраҳо ба танзим медарорад;
- рафти иншои рисолаҳои магистриро назорат мекунад;
- ширкати магистрҳоро дар чорабиниҳои илмӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятии Донишгоҳ таъмин менамояд;

- оид ба шароитҳои илмию таълимии магистрҳо бо онҳо суҳбат мегузаронад;
- доир ба фаъолияти хуб ва ҳавасмандгардонии магистрҳо ба унвони Раёсати Донишгоҳ пешниҳод ирсол менамояд;
- роҷеъ ба масъалаи донишҷӯёне, ки талаботи Низомномаи магистратураро риоя намекунанд, тартиботи дохилидонишгоҳиро вайрон мекунанд, ба унвони Ректори Донишгоҳ барои чораҷӯйӣ гузориш манзур менамояд;
- дар бобати масъалаҳои таълим дар магистратура ба унвони Раёсати Донишгоҳ ва Шӯрои олимон гузоришҳо пешниҳод менамояд.

**5.32. Вазифаҳои сармутахассиси бахши магистратура:**
- сармутахассиси бахши магистратура ба муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ, сардори Раёсати таълим ва мудири бахши магистратура итоат мекунад, масъули корҳои зерин мебошад:
- ҳуҷҷатҳои магистратураро ба тартиб медарорад;
- ба магистрҳо дар масъалаи интихоб намудани роҳбари илмӣ якҷоя бо мудири бахши магистратура маслиҳатҳо медиҳад;
- дар таҳияи ҷадвали дарсҳои магистрҳо ба мудири бахши магистратура кӯмак мерасонад;
- рӯзномаҳои (рӯзномаҳои қайди давомот) магистрҳоро мунтазам тафтиш менамояд;
- ҷадвали сессияи санҷишию имтиҳонии магистрҳоро якҷоя бо мудири бахши магистратура тартиб медиҳад ва иҷрои онро назорат менамояд;
- рафти иҷрои нақшаҳои инфиродии магистрҳоро дар самти сарбории таълимӣ ва илмӣ якҷоя бо мудири бахши магистратура назорат мебарад;
- давомоти магистрҳоро мунтазам месанҷад;
- сарбориҳои омӯзгорони магистратураро дар мувофиқа бо мудирони кафедраҳо ба танзим медарорад;
- рафти иншои рисолаҳои магистриро назорат мекунад;
- ширкати магистрҳоро дар чорабиниҳои илмӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятии Донишгоҳ таъмин менамояд;
- оид ба шароитҳои илмию таълимии магистрҳо бо онҳо сӯҳбат мегузаронад;

5.33. Сардори Раёсати таълим, ҷонишинони сардори Раёсати таълим, сармутахассис, мутахассиси пешбар, мудири бахши магистратура ва сармутахассиси бахши магистратура бо фармоиши Ректори Донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

6.1. Ба Низомномаи Раёсати таълим бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад;

6.2. Ба сохтори Раёсати таълим, бастҳои вазифавии он бо қарори Шӯрои олимон ва Раёсати Донишгоҳ тағйирот ворид карда мешавад.